# Ҷараёни коммуникатсионӣ ва фаъолияти менеҷмент

***Коммуникатсия*** – ҷараёни ахбордиҳӣ аз як объект ба объекти дигарро меноманд. Субъекти коммуникатсия метавонад, ки шахсони алоҳида, гурeҳҳо ва корхонаю ташкилот бошанд.

***Мақсади асосии ҷараёни коммуникатсионӣ*** – ин таъминоти мазмуни ахборе, ки предмети мубодила мебошад. Маълум аст, ки худи ҳолати мубодилаи ахбор ҳанез самаранокии гуфтушунидро таъмин намекунад. Барои амиқ омехтани ҷараёни мубодилаи ахбор ва шартҳои самаранокии он мо бояд ҳолатҳо ва сабабҳои пайдоиш, инчунин давраҳои онро донем.

**Давраҳои алоқамандии коммуникатсия чунин мебошанд:**

- пайдоиши ақида;
- интихоби бахш ва рамзгузорӣ;
- мубодилаи ахбор;
- декодировка.





# Унсурҳо ва давраҳои раванди коммуникатсионӣ

Дар қисмати аввали ин боб мо дар бораи гуреҳбандии коммуникатсия, доираи амалии он ва омилҳое, ки ба ҷараёни коммуникатсионӣ халал мерасонад, гуфта гузашта будем ва маълум гашт, ки коммуникатсия тамоми ҷараёни фаъолияти менеҷменти корхонаро дар бар мегирад. Аммо қариб ҳар як роҳбар медонад, ки ҷараёни коммуникатсионӣ на ҳамавақт, самаранок мебошад, яъне худи раванди коммуникатсионӣ, ки ин мубодилаи ахбор мебошад, пурра иҷро намегардад. Дар кадом давра кадом унсури раванди коммуникатсионӣ дуруст коркард намешавад ва дар натиҷаи иҷрои вазифа дар ними роҳ мемонад, ё  ин ки умуман иҷро намешавад.

**Коммуникатсияи байни шахсон ва проблемаҳои он**

**Ҳарчанд ки аксари фаъолияти корхона дар асоси ҳуҷҷатҳо ва воситаҳои ахбори сурат мегирад, коммуникатсияи байни одамон вақти зиёди менеҷерро (аз 50% то 90%) мегиранд.**

**Дар ин шакли коммуникатсия як қатор проблемаҳое вуҷуд дорад, ки онҳоро мо бо гуреҳҳои зерин ҷудо карда, меомезем:**

1. **Қабули ахбор.**
2. **Мазмун.**
3. **Мубодилаи ахбори ғайрирасмӣ.**
4. **Алоқаи бесифати баръакс.**
5. **Бад геш кардан.**





## Ташкили фаъолияти коммуникатсионӣ ва омилҳои халалрасон

Мо ба раванди дигари ҷараёни коммуникатсионӣ яъне ташкили коммуникатсия дар корхона мегузарем. Дар раванди ташкили коммуникатсия дар корхона се равияи асосиро ҷудо мекунанд:

1. Ташкили коммуникатсия аз боло ба поён;
2. Ташкили коммуникатсия аз поён ба  боло.
3. Ташкили уфуқии коммуникатсия.








**Расми 1.** Сохтори ташкили коммуникатсионӣ.

**Ғайр аз ин бахшҳо ва роҳҳои ғайрирасмии коммуникатсионӣ вуҷуд дорад, ки вобаста ба дараҷаи донишу фаҳмиш ва мавқеӣ, ҳар як шахс дар корхона метавонад бо бахшҳои ғайрирасмӣ баъзе фаъолиятҳоро гузаронад. Сохтори ташкили коммуникатсионӣ дар корхона тахминан чунин шакл дорад, ки шумо дар расми 1 мебинед.**

***1. Ташкили коммуникатсия аз боло ба поён*. Барои мо маълум аст, ки органҳои болоӣ ба корхона чӣ қадар ахбору маълумотҳо меоянд.**

**Коммуникатсия «аз боло ба поён» мумкин аст, дар шакли баромадҳо, ахбор дар воситаҳои корпоративии ахборӣ, дар почтаҳои электронӣ, формаҳои бухгалтерӣ, шартномаҳо, ахборҳо дар тахтаи эълонҳо. Инчунин дар низомнома ва дастурамалҳое ба мо мерасад.**

# Менеҷмент ва беҳтар кардани фаъолияти коммуникатсионӣ

**Маълум гашт, ки самараноки фаъолияти менеҷмент аз ташкили дурусти коммуникатсионӣ дар корхона вобастагии калон дорад. Бинобар ин менеҷменти корхона доимо бо мақсади беҳтар кардани он чораҳо меандешад.**

**Асосан роҳҳои асосии беҳтар кардани фаъолияти коммуникатсионӣ инҳо мебошанд:**

***1. Батанзимдарории ахбори корхона.*** **Роҳбари корхона бояд, ки тарафҳои миқдорӣ ва сифатии системаи ахбории худро, инчунин дигар истифодабарандагони ахборро донад.**